Паёми табрикии раиси ноҳияи ҷаббор Расулов Қудратзода Тоҳир Толибӣ ба муносибати Рӯзи кормандони мақомоти амнияти миллӣ

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи ҷаббор Расулов бо камоли ифтихору эҳтиром тамоми кормандони мақомоти амнияти миллӣ ва кулли собиқадорони соҳаро ба муносибати Рӯзи кормандони мақомоти амнияти миллӣ муборакбод менамояд. Бароятон тансиҳатӣ, саодати умр, рӯзгори ободу осуда, дар фаъолияти босамару пурмасъулиятатон баҳри ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон, таъмини волоияти қонун ва саҳмгузориатон дар эъмори давлати демократии ҳуқуқбунёди дунявӣ комёбиҳои тоза ба тоза таманно мекунам.

Тантанаи ғояҳои демократия, адолат ва ваҳдати ҷомеа аз ҷумлаи дастовардҳои бузурги давраи истиқлолият мебошад. Дар густариши ин равандҳо ва таҳкими давлати ҳуқуқбунёд мақомоти амният мавқеи хосаро ишғол менамояд. Кормандони амният дар таъмини якпорчагии кишвар, пойдории истиқлолияти давлатӣ, ҳифзи марзу буми диёри азизамон диловарии бемисл нишон дода, борҳо собит намудаанд, ки хизмат ба халқу кишвари азиз, пуштибонӣ аз сулҳу оромӣ вазифаи асосӣ ва қарзи муқаддастарин мебошад.

Дар баробари ин муқобили терроризми сиёсӣ ва экстремизми динӣ муборизаи беамон бурда, тавонистанд ба натиҷаҳои назаррас ноил гарданд.Боиси қаноатмандӣ аст, ки кормандони ин мақомот вазифаҳои аз ҷониби Президенти мамлакатамон, Асосогузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти таъмини амнияти давлат, пешгирии амалҳои террористӣ, таҳрибкорӣ ва дигар сӯиқасдҳои ҷиноятқоронаи махсусан хавфнок, мубориза алайҳи ҷиноятҳои терроризму экстремизм ва муташаккили байналмиллалӣ гузошта шударо сарбаландона иҷро намуда

истодаанд.

Қоннисориву талошҳои шоистаи ҳар як корманди мақомот дар ин қодаи пуршараф аз қониби ҳам давлат ва ҳам қомеа ба хубӣ эҳсос мегардад. Ба ин маънӣ Сарвари давлатамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: «Мардуми Тоқикистон аз заҳмату хизмати шабонарӯзии Шумо – кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ сипосгузор аст ва ҳукумат низ ин қасорату фидокории шуморо дар роҳи дифои манфиатҳои Ватану миллат ҳамеша баланд қадрдонӣ мекунад».Итминони комил дорам, ки чунин эътимоди баланди роҳбарияти мамлакат ва мардуми кишвар ба азму иродаи Шумо, кормандони амният, рӯҳу илҳоми тоза мебахшад.

Аз фурсати муносиб истифода намуда, бори дигар ба роҳбарият, кормандон ва собиқадорони мақомоти амнияти миллӣ тансиҳатӣ, хонаободӣ, саодатмандӣ, пирӯзиҳои рӯзгор ва дар иқрои вазифаҳои масъулиятноку шарафманд комёбиҳо орзумандам.Ҳамеша саломату сарбаланд бошед!